# Тақриз

## ба рисолаи доктории Нуров Нуралӣ Норович «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст

Таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиши таърихи адабиёти форсизабони Ҳинд баёнгари он аст, ки ҷанбаҳои мухталифи ин адабиёт ба унвони яке аз пурбортарин шохаҳои ташаккулу таҳаввули адабиёти форсӣ то имрӯз ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бахусус, анҷом додани корҳои пажӯҳишӣ дар заминаи маърифати шеъри яке аз бузургтарин суханварони ин хитта - Мирзо Абдулқодири Бедил, ки бо вуҷуди дар кишварҳои форсизабон ва берун аз он ба риштаи таҳқиқ кашида шудани зиндагинома, мероси адабӣ ва махсусиятҳои дигари осору ашъораш ҳанӯз ҳам таваҷҷӯҳи аҳли илму таҳқиқро бештар ба худ мекашад, дар ин замина барои такмил ва тамомият бахшидани яке аз зовияҳои номакшуфи шеъри Бедил кӯшиши судманд ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, рисолаи доктории Нуралӣ Нуров, ки ба омӯзиш, таҳқиқ, баррасӣ ва муайян кардани хусусиятҳои поэтикии ғазалиёти Мирзо Бедил бахшида шудааст, саҳифаҳои тозаеро дар маърифат ва шинохти паҳлӯҳои ношинохтаи андеша, тафакур ва нерӯи халлоқияти ин суханвари бузург боз менамояд.

Ҳарчанд Абдулқодири Бедил ба унвони бузургтарин саромад ва халлоқи як сабки ҷадид дар адабиёти форсӣ шинохта шудааст, вале эҷодиёти ӯ ончунон ки дархури мақоми ӯст, дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифта, мазмуну мундариҷаи осори ӯ ба андозаи зарурӣ ба аҳли мутолиа пешниҳод нагардидааст. Ба зуҳур омадани таҳқиқоти алоҳида ва чанд рисолаи номзадӣ, ки диссертант низ ба онҳо дар мавориди зарурӣ ишора мекунад, ба баррасии паҳлӯи алоҳидаи ашъори ин шоири камназир бахшида шуда, масъалаҳои марбут ба поэтикаи забон, вожасозию маъниофаринӣ, тасвирсозӣ ва ҷойгоҳи анвои тасвир ва ғ. ҳамчунон доманаи таҳқиқро барои ояндагон боз гузоштааст. Аз ин дидгоҳ, рисолаи Нуров Нуралӣ «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» -ро дар ин замина метавон амри саривақтӣ ва қадами тозае дар бедилшиносӣ ба ҳисоб гирифт.

Ончунонки аз автореферати диссертатсия бармеояд, кор аз муқаддима, панҷ боб, бист фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти мавриди истифода иборат буда, масоили мавриди таҳқиқ аз лиҳози сохтор зина ба зина баррасӣ, таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ,мақсад ва вазифаҳо, сарчашма, усули таҳқиқ, навоварии илмӣ, аҳамияти назарию амалии диссертатсия ва нуктаҳои меҳварӣ барои дифоъ хеле равшан, возеҳ ва дақиқ нишон дода шудааст.

Диссертант перомуни мақому манзалати Бедили Деҳлавӣ дар ҳавзаи густариш ва ривоҷи забону адабиёти форсӣ, дараҷаи омӯзиши эҷодиёти шоир дар кишварҳои қаламрави адаби форсӣ ва берун аз он, изҳори назар

намуда, **дар боби аввали диссертатсия,** роҷеъ ба сохторшиносии ғазал ва тозакориҳои Бедил дар ин жанри серистифодаи адабиёти форсӣ, махсусиятҳои корбурди қофия ва радифҳои нодир, авзони арӯз дар шеъри Бедил изҳори андеша мекунад.

**Дар боби дуюми** диссертатсия бошад, ба баҳси сабкшиносӣ ва поэтикаи ғазалиёти Бедил пардохта, роҷеъ ба забони шеъри шоир ва заминаҳои печидагӯӣ бар он, вожаҳои хоси коргоҳи ҳунарии Бедил, мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти шоир, вожасозӣ ва шеваҳои хоси таъбирофаринӣ, инчунин инъикоси суннатҳои мардумӣ дар шеъри Бедил домани баҳс густурдааст. Дар боби мазкур диссертант бар он муваффақ шудааст, ки чеҳраи ҳунарии Бедилро ҳамчун суханвари бомаҳорат ва соҳиби тахайюли баланди шоиронае, ки бо диди тозаи хеш дар ҷараёни инкишофи адабиёти давр саҳми босазо гузоштааст, нишон додааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими дигари мавриди баҳси диссертант муайян кардани сабку салиқаи суханварии Мирзо Бедил буда, ин масъала дар **боби севуми диссертатсия** - «Тасвирсозӣ, шигардҳои маъниофарӣ ва мазмунсозӣ» маҷоли баррасӣ ёфтааст. Муаллифи диссертатсия бо истифода аз усулҳои беҳтарини таҳқиқ таркиботу таъбироти шоиронаю худсохти шоирро зикр карда, ба натиҷае мерасад, ки «Бедили Деҳлавӣ дар офаридани тасовири шоирона бештар аз вокеиятҳои зиндагӣ иқтибос мегирад ва мекӯшад, ки бо пайванд бахшидани аносири вокеӣ ва мафоҳими равонию авотифи рӯҳӣ мушоҳидаву бардоштҳои шоиронаи хешро таҷаллӣ бахшад» (диссертатсия, саҳ. 28). Боиси таъкид аст, ки боби мазкур яке аз бобҳои меҳварии диссертатсия ба ҳисоб рафта, бо таҳлилу натиҷагириҳои хоси муаллиф аз кулли бобҳои дигар тавофут мекунад.

**Боби чоруми диссертатсия** «Таассури поэтикии Бедил аз суханварони гузашта» номгузорӣ шуда. Нуров Н. дар мавриди иртиботи фикрии шоирони пешгузашта, аз ҷумла Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Толиби Омулӣ баёни андеша мекунад. Баҳсҳои диссертант дар перомуни ҳамонандӣ ва баҳрабардориҳои Бедил аз шоирони бузург хеле ҷолиб буда, то кадом андоза ба сабку салиқаи пешиниён андешидани суханварро ба намоиш мегузорад.

Мирзо Абдулқодири Бедил дар баробари таваҷҷӯҳ аз шеваи шоирони мутақаддим соҳиби тарзи сухани хосе буд, ки дурахши ҳунараш боиси пайравии шуарои ҳамзамон ва оянда и ӯ гардидааст. Диссертант ин масъаларо **дар боби** «Таъсири поэтикии Бедил ба суханварони адабиёти тоҷики Фарорӯд (аз нимаи дувуми асри нуздаҳ то асри имрӯз)» мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки дар ин миён баҳс дар перомуни иртиботи фикрии Бедил ва бузургтарин суханварони пайрави мактаби адабии ӯ, аз ҷумла Нақибхони Туғрал, Зуфархони Ҷавҳарӣ, Парии Ҳисорӣ, Ҳасрати Ҳисорӣ, Сабоҳии Бедгулӣ ва дигарон аз дастовардҳои муҳими илмӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки андешаҳои муаллиф дар интиҳои диссертатсия тариқи хулоса ҷамъбаст гардида, дар он чеҳраи ҳунарии Мирзо Абдулқодири Бедилро ҳамчун беҳтарин шоири ҳунарманд, таъсиргузор, соҳибмактаб, навҷӯю нававар, ки бо эҷодиёти худ дар адабиёти садаҳои минбаъда таъсири носутурданӣ гузоштааст, намоён мегардад.

Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Нуров Нуралиро метавон саҳифаи наве дар заминаи баррасӣ ва шинохти чеҳраи ҳунарии Мирзо Бедил ба ҳисоб гирифт.

Дар баробари дастовардҳои назаррас дар диссертатсияи мазкур баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори Нуров Нуралӣ хоҳад буд:

1. Дар ҷараёни баррасии шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ диссертант асосан ба таҳқиқи ҷойгоҳи ду санъат, яъне киноя ва муаммо иктифо намудаанд. Агар дар мавриди ташбеҳоти пӯшида, истиора, ки дар ғазалиёти Бедил мақоми хосае доранд, мулоҳизаҳои хешро иброз менамуд, арзиши илмии ин бахши рисола боз ҳам боло мерафт.
2. Дар баъзе маврид тарзи навишти калимаҳо ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мувофиқат накардаанд. Чунончи, «тағирот» ба ҷойи «тағйирот» «мӯътақид» ба ҷойи «муътақид ва ғ. Ҳамгунсозии онҳо барои афзудани арзиши сабки нигориши рисола омил хоҳанд омад.

Вале ин гуфтаҳо ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд ва диссертатсияи Нуров Нуралӣ Норович дар мавзӯи «Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст, ҷавобгӯи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистагии дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филологиро дорад.

Академики Академияи илмҳои

Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ,

профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба масъалаҳои

рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Раҳмонзода А.А.

Имзои муҳтарам Абдуҷаббор Раҳмонзодаро тасдиқ менамоям

Мудири шуъбаи кадрҳои ДИПТ Пирназарзода И.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ